*ТКБ 63.3 (5 Тоҷ) 64*
*DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-29-37*

# «НИШОНИ ДОРУССАЛТАНАИ БУХОРОИ ШАРИФ» – АВВАЛИН ОРДЕНИ ТОҶИКИИ АСРИ XIX

*Раҳимов Дилшод Абдуфаттоевич, унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# «ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ОРДЕН БЛАГОРОДНОЙ БУХАРЫ»(«НИШОНИ ДОРУССАЛТАНАИ БУХОРОИ ШАРИФ») – ПЕРВЫЙ ТАДЖИКСКИЙ ОРДЕН XIX ВЕКА

*Рахимов Дилшод Абдуфаттоевич, соискатель кафедры истории таджикского народа ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# "SAINT BUKHARA MEDAL OF DORUSSALTANA – THE FIRST TAJIK MEDAL OF REFERRING TO XIX CENTURY"

***Rahimov Dilshod Abdufattoevich,** applicant of the department of the history of Tajik nation under the SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** нишон, аморати Бухоро, мукофот, медал, орден, фалеристика*

*Мақола ба баррасии таърихи аввалин ордени тоҷикии асри X1X "Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф" бахшида шудааст. Тазаккур меравад, ки аморати Бухоро баробари доштани рамзҳои давлатӣ, мисли парчам, нишон, ҳамчунин медал, орден ва дигар мукофотҳои давлатии худро доро буд. Дар мақола доир ба "Нишони давлатии Бухорои Шариф", тавсиф ва тасвири он маълумот оварда мешавад. Инчунин доир ба дараҷаҳои нишони зикршуда, тартиби мукофотонидан маълумот дода шудааст.*

***Ключевые слова:** знак, Бухарский эмират, награда, медаль, орден, фалеристика*

*Статья посвященна истории первого таджикского ордена X1X века "Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф".Отмечается, что Бухарский эмират наряду с государственной символикой, такими как: флаг, герб, имел и государственные награды – медаль, орден, нагрудные знаки. В статье рассматривается один из орденов Бухарского эмирата – "Нишони Доруссалтанаи Бухорои Шариф", дается его описание, иллюстрации. Также приводятся сведения о степенях указанного ордена и порядке награждения.*

***Key words:** Symbol, Bukhara Emirate, award, medal, faleristics*

*The article dwells on the history of first Tajik medal referring to XlX century "Saint Bukhara Medal of Dorussaltana". It is underscored that Bukhara Emirate among other state symbols such as a flag, an emblem and others also owned governmental awards – medal and pectoral decoration. The author of the article considers one of the orders of the Emirate of Bukhara - "Nishoni Dorussaltanai Bukhoroi Sharif", its description and illustrations are given. It also provides information beset with the degrees of the specified order and the procedure for awarding.*

Аз замонҳои қадим то имрӯз дар назди ҳар як халқ сифатҳои хуби инсонӣ, ба монанди меҳнатдӯстӣ, саховатмандӣ, мардӣ, шуҷоату диловарӣ аз ҳама боло меистоданд. Ин мафҳумҳо дар ҳама замон ба қуллаҳои баланди инсонӣ ва ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватани худ ва садоқат ба идеалҳои он мансуб буданд.

Пояндагии ҳар як давлатро бе мавҷудияти ҳатмии махсусиятҳои (атрибут) нишонӣ – рамзҳои давлатие, ки низоми арзишҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва маънавии хусусиятҳои тараққиёти таърихӣ ва фаъолияти ин ҷомеа, инчунин расму оин ва анъанаҳои дар он ташаккулёфтаро инъикос мекунанд, тасаввур кардан душвор аст.

Дар низоми махсусиятҳои давлатӣ ҷои намоёнро мукофотҳо – шакли олии ҳавасмандкунии маънавии шаҳрвандон, таҷассуми эътирофи хизматҳои махсуси онҳо дар назди давлату ҷомеа ишғол менамоянд. Қонуну қоидаҳои ҷаҳонии мукофотҳои давлатӣ ҳанӯз дар асрҳои миёна ташаккул ёфта, симои имрӯзаи худро бо мурури демократикунонии ҷомеа, пай дар пай барҳам хӯрдани тафовутҳои табақавӣ пайдо намуд. Агар дар ибтидо нишонҳои корнамоӣ ба аъзоёни оилаи ҳукмрону шахсони ба онҳо наздик дода шаванд, бо ташаккули қувваҳои ҷомеае, ки ба вазъи сиёсии дохилаи давлат таъсир мерасониданд, онҳо акнун барои хизмат, амал ва масъулиятшиносӣ супорида мешуданд. Аз ҳамин давра сар карда, системаи мукофотониро ҳамчун муассисаи доимии давлатӣ муаррифӣ кардан мумкин аст.

Дар давоми асрҳо тақсимоти нишонҳои корнамоӣ аз рӯи аҳамият ва категорияҳо ба вуҷуд омад, ки дар натиҷаи он ҷои аввалиндараҷаро *орденҳо* (нем. *Orden*, лот. *ordo* – қатор, дараҷа,

нишони корнамоӣ, мукофоти фахрӣ барои хизматҳои махсус), нишонҳои шаклашон муайян, ки барои хизматҳои махсус дар назди давлату халқ дода мешаванд, ишғол мекунанд. Барои орденҳо *статут* (лот. Statutum – ойиннома, низомнома, муқаррарот, дастуромал, тавсиф, қонуну қоидаҳо ва тартиби мукофотонидан бо ордену медал ва тавсифи онҳо) муқаррар карда мешавад, ки тибқи он орденҳо ба дараҷаҳо, навъҳо, зинаҳо, синфҳо, гурӯҳҳо тақсим шуда, на танҳо андозаи хизматҳо, балки мартабаи шахси ордендорро дар системаи муассисаи орденҳо муайян мекунад.

*Медалҳо* (фр. *medaille*, лот. *metallum* – нишони филиззии одатан даврашакл бо тасвирҳои барҷаста, ки барои нишон додани шуҷоату далерӣ, хизматҳои махсус, барои хотира ё солгарди воқеа ё ашхос супорида мешавад) нишони дуюминдараҷаи корнамоӣ мебошанд. Намунаҳои аввалини медалҳо сиккаҳои юнониву римӣ буданд, ки аз онҳо шакли имрӯзаашон мудаввар, бо тасвиру навиштаҷоти барҷаста дар як ё ҳар ду тарафи он боқӣ мондаанд. Медал – солномаи замон аст, чунки ин нишони силсилавиву абадӣ имконияти дар тӯли асрҳо нақш кардани марҳилаҳои замон, симои арбобони намоёни давлатӣ, намояндагони илму фарҳангро дорад. Агар орденҳо барои ягон хизматҳои шахсӣ ё бисёрсолаи давлатӣ дода шаванд, медал барои иштирок дар воқеаи аҳамияти умумидошта ё хотираи он супорида мешуд. Аз ин рӯ дараҷаи он нисбат ба орден пасттар, лекин доираи мукофотгирандагонаш васеътар аст. Бо мурури вақт мукофотонидани ҳамаи иштирокдорони воқеаҳои бузург ва ё ҷангҳои калон бо медалҳое, ки махсус ба ин сана тайёр карда мешуданд, одат шуд.

Ордену медалҳо инчунин асари санъати заргарӣ буда, тавассути баъзе рамзҳо ғояи муайянеро инъикос мекунанд. Гарчанде нишонҳои корнамоии мамлакатҳои Ғарбу Шарқ новобаста ба ҳамдигар инкишоф ёфта бошанд ҳам, таъсири мутақобилаи онҳоро дар услуби асосии бадеӣ, сабк ва тарзҳои овехтани мукофотҳо дидан мумкин аст. Лекин фарқияти асосӣ дар рамзҳои истифодашавандаанд. Агар анъанаи нишонсозии Шарқ ба ситораи шуодору ҳилоли исломӣ такя кунад, Ғарб ба салиби насронӣ содиқ монда, бо мурури замон аз шарқиён нақши ситора ва шукуҳу ҳашамати ороиши шарқиёнаро қабул кард.

Илме, ки таърихи ордену медалҳо, системаю хусусиятҳои мукофотонӣ, ҷамъоварии ордену медал, нишонҳо ва дигар ороиши сарисинагӣ, аз он ҷумла нишонҳои фахрӣ, ҷашнӣ, маъмурӣ, ҳарбӣ ва ба он монандро меомӯзад – *фалеристика* ном дорад. Он аз калимаи «*фалера*» (лотинӣ: *falerae*, *phalerae* – ороиши филизие, ки ҳамчун нишони корнамоии ҳарбӣ хизмат мекард; юнонӣ: *φάλαρα* – ороиш ё бозубанди филиззӣ) гирифта шудааст, ки мукофоти сарбозони (легионерҳои) Римро чунин меномиданд.

Таърихи пайдоиши ордену медалҳои тоҷикӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ охири асри XIX ҳисобида мешавад. Пас аз забти Осиёи Миёна аз ҷониби Россия дар ҳаёти Аморати Бухоро дигаргуниҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ рух доданд. Аморати Бухоро бо Россия шартномаи дӯстӣ баста, ба вассали он мубаддал шуд. Россия дар Осиёи Миёна сиёсати мустамликавиро пеш мебурд ва ба аморат мухторияти дохилӣ дода, сиёсати берунаро маҳдуд карда буд. Савдо рӯз то рӯз ташаккул ёфта, ба аморат маданияти аврупоӣ ворид ва бо дарназардошти расму оинҳои маҳаллӣ оҳиста-оҳиста амалӣ мешуд. Дар натиҷа дар аморат бори аввал китобхона, театр ва осорхона кушода шуда, рӯзномаи «Туркестанские ведомости» ба нашр расид. Ҳодисаҳои сиёсиву фарҳангӣ дар ҳаёти иҷтимоиву ҷамъиятии кишвар низ дигаргуниҳои ҷиддиеро ба миён овард. Яке аз чунин рӯйдодҳои фарҳангӣ таъсиси ордену медалҳои Бухоро буд.

Оғоз аз ин давра, дар қаламрави Аморати Бухоро тартиби нави мукофотонидан бо ордену медалҳо ва нишонҳои фахрӣ барои хизматҳо ҷорӣ карда мешавад. Чунки то ин вақт мукофотонӣ барои хизматҳо дар мамолики исломӣ, аз он ҷумла дар Аморати Бухоро бо тарзи қадима сурат мегирифт. Ба мукофотгиранда нақдина, зару зевар, ашёи қиматбаҳо, шамшеру аслиҳаи ҷангӣ, аспи хушзот, либос, вазифа ё унвон, қитъаи замину боғот, ҳатто деҳа ё шаҳри алоҳида бо аҳолии он тақдим карда мешуданд.

Дар Бухорои асри XIX – аввали асри XX шахси вазифа ё унвонгирифта аз рӯи расму одат аз амир дар як вақт либос - *сарупо* (سروپا) ва фармони махсус - *йарлиқ* (یرلیق) мегирифт. Парвоначӣ (پروانچی) ин фармонро ба саллаи шахси мукофотонидашуда халонда мемонд ва ӯ бояд онро то се рӯз гирифта мегашт [5,с.158; 6,с.147; 12,с.61]. Чунин буд тартиби супоридани мукофоту вазифаву унвон.

Дар охири асри XIX дар Аморати Бухоро орденҳои тоҷикӣ таъсис дода шуданд. Соли 1881 аввалин ордени Аморати Бухоро - «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» (دارالسلطنه بخارای شریف نشان)-ро амир Музаффар таъсис дод [2,с.250; 3,с.96; 4,с.258-259; 13,с.197], ки он се навъ ва ҳашт дараҷа дошт: навъи якум ду дараҷа (ситораи тиллоӣ бо алмоси суфтаву (бриллиант) лаъл

(рубин) ва бо алмос); навъи дуюм се дараҷа (ситораи тиллои дараҷаи I, II, III); навъи сеюм се дараҷа (ситораи нуқрагии дараҷаи I, II, III).

Навъи якуми орден аз тилло сохта шуда, дараҷаи I он бо алмоси суфта (бриллиант) ва дараҷаи II бо алмос оро дода шуда буданд. Мутассифона, ҳоло ин навъи орден дастрас нест ва дар бораи он маълумоте надорем. Лекин дар баъзе расмҳо тарҳи ин навъи орденро дидан мумкин аст. Масалан, дар расми амир Абдулаҳад, ки онро соли 1890 суратгир Пол Надар гирифтааст [10], дар синаи чапи амир се ордени Аморати Бухоро насб аст (ниг.ба расми 1). Яке аз онҳо ордени «Нишони тоҷи доруссалтанаи Бухорои Шариф» ва дуи дигар «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф», ки ба сарсӯзани ороишӣ (брошка) ё масуноти заргарӣ монандӣ доранд. Аз таҳқиқоти мо маълум шуд, ки ин ҳамон навъи якуми ордени мазкур, дараҷаҳои I ва II аст. Амир Абдулаҳад дар «Рӯзнома»-и сафари худ ба Россия (1893) дар бораи мукофотонидани мансабдорони олирутбаи Россия бо ин орден маълумоти муфассал додааст [14]. Ба ҳар мукофотонидашуда дар як вақт орден ва фармон (ба забони тоҷикӣ ва русӣ) бо имзо ва муҳри амир супорида мешуд (ниг. Расми 2.3).



***Расми 1.Амир Абдулаҳад бо се ордени Аморати Бухоро (тарафи чапи сина)***

Навъи дуюми ин орден низ аз тилло, навъи сеюми он аз нуқра сохта шуда, се дараҷа доштанд. Шумораи нишонҳои сохташудаи навъи дуюму сеюми ин орден ва мукофотонидашудагонаш низ зиёданд, аз ин рӯ онҳоро дар осорхонаву коллексияҳои шахсӣ, музоядаҳо, китоб, рӯзномаву маҷаллаҳо бештар дидан мумкин аст. Шакли аввалаи навъи дуюми орден фақат аз ситораи тилло иборат буда, дар рӯяш ягон навиштаҷот ё нақшу нигоре надошт ва дертар дар он ҳаккокӣ ва навиштаҷот бо забони тоҷикӣ дароварда мешавад.

Дар мақолаву китобҳои русӣ ин орден ҳамчун «Награда» («Мукофот»), «Звезда» («Ситора») ё «Орден Восходящей звезды Бухары» («Нишони ситораи тулӯъкунандаи Бухоро») ёдовар мешавад [2,с.250-251]. Ситораҳои ин орден ва орденҳои баъдина ба ситораҳои орденҳои русӣ («Станислави Муқаддас», «Аннаи Муқаддас», «Александр Невский», «Уқоби сафед») ё эронӣ («Шер ва Офтоб») монандӣ доштанд [С.8-9].




فرمان امیر دولت بخارای شریف

چون رابطهٔ دوستی ومودّت وعلاقهٔ مصادقت وموافقت دولت
بخارای شریف بدولت قوی شوکت ایمپراطور اعظم
روس ثابت واستوار است استقرار این رابطه که باعث آبادی
ممالک وآسایش خلایق است ملحوظ داشته بنابر اظهار این
دوستی برای عزت جاه

یکقطعه نشان نقره دار السلطنهٔ بخارای شریف از درجه
اول عطا فرمودیم زیب صدر خود دانسته بخیر خواهی سعی
سعی نمایند شهر ۱۳۲۰

*Расми 2. Намунаи Фармони амири давлати Бухорои Шариф дар бораи тақдими дараҷаи аввали “Нишонаи нуқрадори доруссалтанаи Бухорои Шариф” бо забони форсии тоҷикӣ*




ПЕРЕВОДЪ.

ФИРМАНЪ ЭМИРА БУХАРЫ БЛАГОРОДНОЙ.

Ввиду узъ дружбы и согласія связывающихъ Бухару съ могущественнымъ Россійско Императорскимъ Правительствомъ на благо и спокойствіе народовъ пожаловали Мы Корпуса военныхъ топографовъ Капитану Четыркину орденъ Бухарской серебряной звѣзды первой степени дабы онъ, украсивъ ею грудь свою, пребывалъ къ Намъ доброжелательнымъ. (Печать)

Эмиръ Сеидъ Абдулъ Ахадъ 1303 годъ.

Россійское Императорское Политическое Агентство въ Бухарѣ симъ удостовѣряетъ подлинность фирмана и печати Его Высочества Эмира Бухарскаго.

Г. Новая Бухара Мая „28" дня 1902 года.

Политическій Агентъ

*Расми 3.Намунаи тарҷумаи русии Фармони амири давлати Бухорои Шариф доир ба тақдими “Нишони нуқраи дорулсалтанаи Бухорои Шариф”*





а) б) в)

***Расми 4. Ситораҳои орденҳои русии «Станислави Муқаддас» (а), «Аннаи Муқаддас» (б) ва эронии «Шер ва Офтоб» (в), ки ба ситораи ордени Бухоро шабоҳат доранд.***

Таҳқиқи низоми мукофотонӣ ва шакли ордену медалҳои давлатҳои гуногуни асри XIX - аввали XX нишон медиҳад, ки қариб ҳамаи онҳо дар шакли ситораҳои ҳаштгӯшаи ба ордени «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» монанд сохта мешуданд. Масалан, ордени «Ситораи тилло»-и Афғонистон ва ё ордени Гурҷистон «Малика Тамара» (асри XX) ба орденҳои Бухоро монананд [6, с.7].





а) б) в)

***Расми 5. Ситораҳои ордени «Ситораи тилло»-и Афғонистон дараҷаҳои I (а), II (б) ва «Малика Тамара»-и Гурҷистон (в).***

Аз ин рӯ, дар китобҳои шӯравию русӣ ақидае ҳаст, ки гӯё дар Бухоро медалёни ситораи орденҳои русиро тағйир дода, ба ҷои он навиштаҷоти худро дохил карда бошанд. Барои тасдиқ ё инкори ин гуфтаҳо таҳқиқоти махсус бо нишонҳо гузаронидан лозим аст. Лекин ин нишонҳо ҳоло дар Тоҷикистон дастрас нестанд. Ба ҳар ҳол, дар Аморати Бухоро сиккахона (зарбхона) ва заргархона мавҷуд буда, заргарони пуртаҷриба буданд, ки сиккаҳои хуб ва ордену медалҳо тайёр мекарданд [1,с.259]. Дар ҳақиқат, ситораҳои орденҳои русии «Станислави Муқаддас», «Аннаи Муқаддас» ё «Уқоби сафед» ба намуди зоҳирии ордени Бухоро, хусусан ба дараҷаи III монандӣ доранд. Инчунин аввалин орденҳои Бухоро чун орденҳои русӣ бе тасма (лента) буда, бо сӯзанаки махсус ба сари сина овехта мешуданд.

Яке аз аввалин гирандагони ордени «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» дар соли 1881 подшоҳи вақти Россия – Александри II (1818-1881) буд. Александри II пас аз гирифтани ордени Бухоро, ба амир Музаффар тӯҳфаи ҷавобӣ – ордени «Аннаи Муқаддас»-и дараҷаи I-ро тақдим мекунад [2,с.250].

Орденҳои тоҷикӣ аввал дар сиккахонаи Бухоро аз рӯи қолабҳои муайян ва дертар дар Россия низ тайёр карда мешуданд. Дар баъзе орденҳо тамғаҳои корхонаҳои Петербург ё Москва: ширкати «В. И. Морозов» (устохонаи А. И. Брилов), ширкати «Фаберже» (устохонаи А. Э. Тилеман) вомехӯранд. Вобаста ба вазну дараҷа андозаи орденҳо фарқ мекард. Масалан, ордени тиллоии «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» дараҷаи I – 81,99 г вазн дошта андозаааш 91,5×91,0 мм, вазни дараҷаи II – 54,21 г, андозааш 74,3×75,0 мм буд. Вазни баъзе дараҷаҳои нуқрагини ин орден 44,3 г, қутрашон 90 мм буд. Дараҷаҳои орден аз якдигар бо навиштаҷот, тасвирҳо ва сирҳои кабуд ё сабзи медалйонашон фарқ мекарданд. Дар орденҳо соли ба салтанат нишастани амир бо тақвими ҳиҷрӣ сабт карда мешуд (на соли сохта шудани он!). Расмҳои дар ин китоб овардашудаи орденҳои «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» дар давраи амир Абдулаҳад сохта шудаанд. Аз ин рӯ дар онҳо соли ба салтанат нишастани (1303/1885) ӯ қайд шудаанд. Масалан, ордени тиллоии навъи дуюми дараҷаи I чунин намуд

дошт. Дар маркази ситораи ҳаштгӯшаи шуоъҳояш ғавс, медалйони ҳамвор ба се доираҳои қутрашон гуногун тақсим карда шудааст. Дар рӯи доираи калонтарини беруна сири кабуд давонида шуда, тасвири баргҳоро дорад. Пас аз он дар доираи миёнаи бунафш навиштаҷоти «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» (دارالسلطنه بخارای شریف نشان) ва дар доирачаи сабзи он соли 1303 (١٣٠٣) /(1885) тасвир шудааст. Дар маркази медалйон доираи кабуди хурдтар ҷойгир аст, ки он бо расми моҳи нав (ҳилол) ва гул ороиш ёфтааст. Агар ба расми орденҳои тиллоӣ хуб назар афканем, фарқияти байни дараҷаи I ва дараҷаи III баръало намоён мешавад. Ғафсии шуоъҳои дараҷаҳои орден гуногун; доираи марказии медалйони дараҷаи I ва III - кабуд, дараҷаи II – сабз; ранги доирачаи санаи ба салтанат нишастани амир дар дараҷаи I – сабз, дар дараҷаи II ва III – бунафш ва ғайра.



а) б) в)

***Расми 6. Ордени тиллоии «Нишони доруссалтанаиБухорои Шариф»-и навъи 2 дараҷаҳои I (а), II (б) ва III (в).***

Дараҷаҳои нуқрагии орден низ байни худ фарқи калон доранд. Шаклу андозаи ситораҳои дараҷаҳои I, II ва III гуногун буда, бо ғафсии шуоъҳои худ низ фарқ мекунанд. Миқдори доираҳои медалёнҳои дараҷа ва рангҳои онҳо низ фарқ мекунанд: дар дараҷаҳои I ва II монанди орденҳои тиллоӣ се доираҳои гуногун ва дараҷаи III ду доира мавҷуданд.



а) б) в)

***Расми 4. Ордени нуқрагини «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф»-и навъи 3 дараҷаи I (а), II (б) ва III (в).***

Соли 1882 бо ин орден якчанд мансабдори ҳарбии Бухоро мукофотонида шуда буданд. Лекин амир аз тарси норизогии рӯҳониёни худ бо ин орден ҳанӯз мансабдорони русро қадр накарда буд. Баъди ба салтанат нишастани амир Абдулаҳадхон, ин орден ба яке аз мукофотҳои асосӣ барои қадр намудани мансабдорони Русияи подшоҳӣ табдил ёфт. Аз рӯи тартиби муайяншуда мукофотонидашудагони Русия орденро то соли 1893 озод овехта гашта наметавонистанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки шахсан бо амир ё намояндаи он вохӯрӣ дошта бошанд).

Соли 1893 амир Абдулаҳадхон ба сафари семоҳаи (87 рӯза) Русия мебарояд. Пеш аз сафари амир миқдори зиёди орденҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва бо алмос, инчунин медалҳо тайёр карда шуда буданд, ки қисми зиёди онҳоро амир дар Русия тақдим мекунад. Оид ба шумораи мукофотонидашудагон бо ордену медалҳои Бухоро дар сарчашмаҳо маълумоти аниқ мавҷуд нест, чунки варақаҳои мукофотонии Аморати Бухоро ҳоло дастнорасанд. Аз рӯзномае, ки амир дар тамоми сафараш мебурд, маълум мешавад, ки бо ордену медалҳои Бухоро зиёда аз 500 нафар мукофотонида шуда буданд. Дар рӯзнома на ҳама вақт ному насаб, вазифа, теъдоди мукофогирифтагон, навъ ва дараҷаи орденҳо аниқ нишон дода шудаанд. Масалан, амир дар рӯзномааш менависад: «*…Пагоҳии 25 ҷумодиуссонӣ ҷаноби Лессар, полковник Путята ва дигар ҳамсафаронамонро қабул кардем. Пас аз он мо ба дӯстони худ: генерал Костанде ва генерал Столипин нишонҳои бо алмос, ба генерал Кузнетсов чунин нишони дараҷаи I, инчунин 55 нишонҳои дараҷаҳои гуногун ба дигар шахсон ва 35 медали тиллоию нуқрагин ба шахсони вазифаҳои поёнӣ ва хизматчиёни қаср тақдим кардем*» [9,с.12].

Пас аз сафари мазкур ордену медалҳои Бухоро дар Россия шуҳрати калон пайдо карданд, чунки амир онҳоро саховатмандона, баъзан барои кори ночизе ё ба шахси ба вай маъқулшуда тақсим мекард. Як ҳодисаи аҷиб дар ин мавзӯъ дар оилаи князҳо Юсуповҳо ба вуқӯъ пайваст. Амир ҳангоми дар Ялта буданаш ба хонаи Юсуповҳо (дар Кореиз) меҳмон мешуд. Дар яке аз чунин меҳмондорӣ писари ин хонадон Феликс Юсупов ба дохили сигараҳо моддаи таркандаро ҷойгир карда ба меҳмонон пешкаш кард. Вақте ки амир ва ҳамроҳонаш сигараҳоро оташ доданд, онҳо ба таркидан даромада, хонаро дуди ғализе пӯшонд. Ҳозирин гумон карданд, ки ба амир сӯиқасд карда шуд. Лекин дертар маълум шуд, ки ин шӯхии кӯдаконае будааст. Пас аз чанд рӯз амир бо ин писарбача «оштӣ» карда, ӯро бо ордени «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» бо алмоси суфта (бриллиант) ва лаъл (рубин) сарфароз гардонд.

Ё ки дар вақти сафар дар Петербург (4 раҷаби 1310/23 январи 1893) ба амир Абдулаҳад мазҳакаи «Вазири хони Ленкоран» ба забони форсӣ намоиш дода шуд. Амир онро бо завқ тамошо карда, дар охир ба ҳамаи иштирокчиёни он (ҷамъ 19 нафар, аз ҷумла донишҷӯён) ордени «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» (ситораҳои нуқрагӣ) туҳфа кард. Яке аз ҳамроҳони амир аз ҷониби Россия дар ин сафар - Г.П. Федоров дар ин бора чунин менависад: «*…Ба амир ва ҳамроҳони ӯ ҳама ниҳоят хуб хизмат мекарданд. Сабаби асосӣ, албатта, хоҳиши ҳар яке гирифтани ситораи тиллоӣ ё нуқрагии Бухоро буд. Амир, ки аз рӯи мизоҷ сахӣ буд, аз меҳмоннавозии хуб дар Тифлис табъаш басо хуш шуда, саховатмандона ситораҳоро тақсим мекард. Лекин орденҳо ҳар чи зиёдтар тақсим карда шаванд, иштиҳои одамон ҳамон қадар зиёд мешуд. Талбидани ситораҳо огоз шуда, бо мақсади дар ҷавоб гирифтани ситора ба амир чизҳои ба ӯ нолозиму номаъқул тақдим карда мешуданд*» [15,с.33].

Ҳамин тариқа, “Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф”- аввалин ордени тоҷикии асри Х1Х, буда, ҳамчун як шакли ҳавасмандгардонии аҳли аморату хориҷиён ва эътирофи хидматҳояшон дар назди аморат маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқи орденҳо И. В. Всеволодов дар бораи гардиши ин орден пас аз Инқилоби Октябр (1917) низ дар китоби худ хабар медиҳад: «*…орденҳои куҳна чанд муддат пас аз инқилоб дар Бухоро мавҷуд буданд. Расме мавҷуд аст, ки дар он вакилони аввалин аз Бухорои инқилобӣ, ки соли 1918 ба Москва омада буданд, аск ёфтаанд. Ҳайати вакилон бо ҷомаҳои нақшин дар назди дари Комиссариати ҳалқии корҳои хориҷӣ истодаанд. Дар синаҳои ҳамаи онҳо орденҳо овезон аст, ки он орденҳои аморат, ситораҳои Бухорои Шариф ҳастанд*» [2,с.253].

Бо «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» аҳли аморат ва ҳокимони тобеи ин давлат, ки ба амир садоқат доштанд ва корнамоиҳо нишон медоданд сарфароз гардонида мешуданд. Масалан Шоҳ Азизхон, ҳоким, мингбошии Шуғнон, Шоҳдара ва Рӯшон дар солҳои 1893 – 1917, ки баъдтар дар замони шӯравӣ ҳамчун Азизхон Абодиллохон (1849 — 1940) шинохта шуд, бо ин мукофот сарфароз гардонида шуд. Тибқи шаҳодати манобеи таърихӣ дар натиҷаи зулму куштори афғонҳо нуфуси аҳолии як худи Шуғнон аз 18 ҳазор нафар ба 5 ҳазор нафар коҳиш меёбад. Қисми мардуми ин навоҳӣ аз ҷабру зулм ба Сариқули Чин, Ӯш, Фарғона ва Андиҷон кӯч бастанд. Дар ҳамин муборизаҳои зидди зулми афғонҳо чеҳраи Азизхон ҳамчун фарди таърихӣ ва шахсияти сиёсӣ зоҳир шуд. То ин замон Россияи подшоҳӣ Осиёи Миёнаро забт карда, қисми бештари онро ба губернияи Туркистон табдил дода буд ва он аз ҷониби генерал-губернатори Туркистон идора мешуд.Русҳо аллакай дар Мурғоб буданд ва Азизхон бори нахуст аз ҷониби аҳолии маҳал ба Помири Шарқӣ, ба мулоқоти низомиёни рус, ки то ин ҷо нав роҳ паймуда буданд, фиристода мешавад. Баъди бозгашт аз Мурғоб Азизхон барои раҳоӣ аз чанголи истибдодгарони афғон дар ташкил намудани номаҳои расмӣ аз номи аҳолии Помир ба унвони генерал – губернатори Туркистон пешсаф мешавад ва ҳамроҳ бо

намояндагони рус ба Тошканд рафта мактубҳоро ба генерал – губернатор мерасонад. Июли 1894 афғонҳо ба ҳарби дастаҳои низомии рус тоб оварда натавониста рӯ ба гурез ниҳоданд. Хизмати Азизхон дар озод кардани тоҷикони Помир аз зулму асорати чандинсолаи афғонҳо бузург буд. Охири садаи XIX Шуғнону Рӯшони соҳили рости дарёи Панҷ ва водиҳои Ғунду Шоҳдара дар як мулк муттаҳид шуданд ва Азизхон мингбошӣ таъйин гардид. Сентябри 1895 ба асоси шартномаи алоҳида байни Россияи подшоҳӣ ва Англия мулкҳои болооби Панҷ (Вахон, Шуғнон ва Рушон) ба ивази Дарвози соҳили чапи дарёи Панҷ ба Аморати Бухоро дода шуданд. Намояндаи амири Бухоро дар Помир барои ҷазби Азизхон ба корҳои аморат ба ӯ унвони мирохӯрро дода, бо «Нишони доруссалтанаи Бухорои Шариф» мукофотонид. Вале манғитиён дар ҷабру зулм аз афғонҳои аҷнабиҳам пеш гузашта, бо андозҳои гарон, ришватситониҳо, фосиқӣ ва одамрабоиҳо мардумро ба танг оварда буданд. Августи 1904 Азизхон, пири рӯҳонӣ Сайид Юсуфалишоҳ ва Амонбек – писари мингбошии Вахон таҳти ҳимояи экспедитсияи Б. А. Федченко ба Тошканд сафар карда, масъалаи аз итоати Бухоро баровардани Помир ва ба ҳайати Россия даровардани онро ҳал намуданд[16]. Таъкид ба маврид аст, ки Азизхон ҳамчун роҳбари минтақавии қисмати зиёди Помир аз номи ҳукумати подшоҳии рус соли 1901 бо ордени «Станислави муқаддас» (дараҷаи III) ва соли 1910 бо ордени «Аннаи муқаддас» мукофотонида шудааст. Феврали 1913 Азизхон расман дар ҷашни 300-солагии батахтнишинии авлоди Романовҳо дар шаҳри Санкт-Петербург иштирок карда, бо медали ҷашнии «300-солагии хонаводаи Романовҳо» мукофотонида шуд. Азизхон дар давоми 24 соли фаъолияташ дар сохтмони нахустин роҳҳои васеи аробагард, каналу ҷӯйборҳо, ҷой додани мардуми камзамин дар водиҳо, пазироии гурезаҳо аз Афғонистон, мубориза ба муқобили тарекфурӯшиву тарёккашӣ, мадад ба ҳар навъи мӯҳтоҷон хидмати босазое кардааст. Азизхон яке аз чеҳраҳои барҷаставу шинохта, сиёсатмадори хирадманди тоҷик дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар шарқи Тоҷикистон маҳсуб мешавад[16].

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Бурнашева, Р.З. Организация производства и техника чеканки монет в Бухарском ханстве со второй половины XVIII до начала XX в. Нумизматика и эпиграфика. Том VI. М.: Наука, 1966. – С. 256-273.
2. Всеволодов, И.В. Беседы о фалеристике/И.В.Всеволодов.-М.: Наука, 1990. – 336 с.
3. Крестовский, В.В. В гостях у эмира бухарского (путевой дневник)/В.В.Крестовский.-СПб., 1887. – 439 с.
4. Логофет, Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом/Д.Н.Логофет.- СПб., 1911. Т. 1. – 340 с.; Т. 2. – 357 с.
5. Мирзо, Бадеи. Девон. Маҷмаъ-ул-арқом/М.Бадеӣ.- Душанбе: «Дониш», 2015. – 416 с.
6. Награды Афганистана. http://afgan-zal.ru/2016/10/31/awards/.
7. Награды Грузии в Мире Грузинского Королевства. https://alternathistory.com/nagrady-gruzii-v-mire-gruzinskogo-korolevstva/.
8. Орден Льва и Солнца. https: //ru.wikipedia. org/wiki/%D0 %9E%D1%80 %D0%B4%D0 %B5%D0%BD_%D0%9B%D1%8C%D0%B2%D0%B0_%D0%B8_%D0%A1%D0%BE%D0%BB% D0%BD%D1%86%D0%B0
9. Ордена Российской Империи 1698 - 1917 гг. http://medalirus.ru/rus-ordena/orden-stanislava-zvezda.php.
10. Поль Надар. Из Стамбула в Ташкент (1890). Бухара. https://yarodom.livejournal.com/1025585.html
11. Семенов, А.А. Бухарский трактат о чинах и званиях и об обязанностях носителей их в средневековой Бухаре/А.А. Семенов// Советское востоковедение. Т. V. – М-Л, 1948. – С. 137-153.
12. Семенов, А.А. Очерк устройства центрального административного управления Бухарского ханства позднейшего времени. Труды АН Тадж. ССР, т. XXV. Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии, вып. II./А.А.Семенов.-Сталинабад, 1954. – 75 с.
13. Спасский, И.Г. Иностранные и русские ордена до 1917 г./И.Г.Спасский.-М.:Вече,2009. –224 с.
14. Точный перевод дневника его светлости эмира Бухарского (пер. И. Гаспринского). Казань. 1894. – 84 стр.
15. Федоров, Г.П. Моя служба в Туркестанском крае. (1870-1910 года). Исторический вестник. № 11, 1913. Т. CXXXIV. - С.33.
16. https://tg.wikipedia.org/wiki Азизхон_Абодиллохон


**REFERENCES:**

1. Burnasheva R.Z. Organization of producing and technics of coinage in Bukhara khanate from second half of XVIII century until the beginning of XX century. Numismatics and Epigraphy. Chapter VI. M.: Science, 1966. – P. 256-273.
2. Vsevolodov I.V. Talks about faleristics. M.: Science, 1990. – 336 p.
3. Crestovskiy V.V. A visit of Amir of Bukhara (travel diary), S.Peterburg, 1887. – 439 p.
4. Logofet D.N. Bukhara khanate under Russian protectorate. S.Peterburg., 1911. Chapter. 1. – 340 p.; Chapter. 2. – 357p.
5. Mirzo Badei Devon. Majma-ul arqom. Dushanbe: «Knowledge», 2015. – 416 p.
6. Awards of Afghanistan. http://afgan-zal.ru/2016/10/31/awards/.
7. Награды Грузии в Мире Грузинского Королевства. https://alternathistory.com/nagrady-gruzii-v-mire-gruzinskogo-korolevstva/.
8. Medal of Lion and Sun. https: //ru.wikipedia.org /wiki/%D0%9E %D1%80%D0 %B4%D0%B5 %D0%BD_%D0%9B%D1%8C%D0%B2%D0%B0_%D0%B8_%D0%A1%D0%BE%D0%BB%D0%BD%D1%86%D0%B0
9. Medals of Russian Imperium in 1698 - 1917 years. http://medalirus.ru/rus-ordena/orden-stanislava-zvezda.php.
10. Pol Nadar. From Istanbul to Tashkent (1890). Bukhara. https: //yarodom. livejournal.com /1025585.html
11. Semenov, A.A. Bukhara tractate about ranks and titles and about responsibilities of their bearer in medieval Bukhara // Soviet oriental studies. T. V. – M-L, 1948. – P. 137-153.
12. Semenov, A.A. Outlines of facilities of central administrative governance of latest period of Bukhara khanate. Works of AS Tajikistan. SSR, chapter XXV. Materials of history of Tajiks and Uzbeks of Central Asia. Second edition. - Stalinobod, 1954. – 75 p.
13. Spasskiy, I.G. Foreign and Russian medals before 1917 years. M.: Veche, 2009. –224 p.
14. Exact translation of dairy of his lordship Amir of Bukhara (translation of I. Gasprinskiy). Kazan. 1894. – 84 p.
15. Federov G.P. My service in Turkistan region. (1870-1910 years). Historical news. № 11, 1913. T. CXXXIV. - p.33.
16. https://tg.wikipedia.org/wiki Azizkhon_Abodillokhon